Такриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)

Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзишу фаҳмиши забони хориҷӣ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муоширати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт».

Вазифаи асосии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ иборат аз он аст, ки сифат ва самаранокии таҳсилот таъмин карда шавад, то ки инкишоф ва ташаккули салоҳиятмандии хонандагон ва донишҷӯён аз фанҳои мухталифи таълимӣ амалӣ гардонида шавад.

Вобаста ба раванди татбиқи Барномаи давлатӣ доир ба омода намудани кадрҳои соҳибмаълумот ва ташаккули низоми муосири муносибатҳо дар ҷомеа нисбат ба сатҳи тайёрии кадрхо имрӯз талаботи сифатан нав ба миён гузошта мешавад.

Аз таҳлили маводи дар автореферати диссертатсия истифодашуда маълум мегардад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои рушди сайёра стратегияи гуфтугӯи тамаддунҳоро бо майлони торафт бештар тафсилдиҳии қисматҳои ба ҳам таъсиргузори фарҳанг ва ҳамгироии онҳо дар фазои бутуни фарҳангӣ афзалиятнок мешуморад.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва аз тариқи озмоиш санҷидани модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ мебошад.

Мувофиқи ин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳое муайян карда шудаанд, ки ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён мусоидат менамоянд: таҳлили назариявии проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ амалӣ карда шавад; мундариҷаи технологияҳои бозигие, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забонҳои хориҷиро пешбинӣ менамоянд, коркард карда шавад; модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълими факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард карда шавад; меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забони хориҷӣ дар шароитҳои таълими таъҷрибавӣ-озмоишӣ муайян карда шаванд; самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии таълими таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ санҷида шавад ва ғайра.

Пайдарпаии татбиқи ҳадаф ва вазифаҳо ба сохтори диссертатсия созгор буда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Тавре ки унвонҷу иброз медорад, вазифаи муаллими ЗХ аз ташаккулдиҳии шахсияте, ки коммуникатсияи байнифарҳангиро гузаронда метавонад, иборат аст. Заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳамияти бузург дорад, чунки бидуни он ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ аз рӯи мавзӯъҳои дарсӣ мушкил мебошад. Яъне донишҷӯён бояд хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвари омӯхташавандаро равшан тасаввур кардан тавонанд. Бо сабаби он, ки ҳангоми омӯзиши ЗХ методҳо ва технологияҳои мухталифи таълим вуҷуд доранд, дар асоси таҷрибаи педагогӣ ба назари мо чунин менамояд, ки дар ин масъала мақоми пешбаранда ба методҳо ва технологияҳое дода мешавад, ки онҳо ба муносибати шахсиятӣ-

фаъолмандӣ асос ёфтаанд. Равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ асоси технологияи таълими интерактивиест. Ғояи равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ аз он иборат аст, ки раванди таълим ба шахсияти донишҷӯ, ангезаҳо, мақсадҳо, талаботи ӯ нигаронида мешавад, вале барои амалан татбиқсозии шахсият муносибати фаъолмандона муҳим аст, ки зимни он таҷриба ва рушди шахсиятӣ ташаккул меёбад.

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд:

1. Нақши соҳибзабонон аз Олмон ва Австрия ҷиҳати ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ мебоист возеҳтар матраҳ мегардид.
2. Дар автореферат хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Вале камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Ҷолиби диққат аст, ки унвонҷӯ доир ба ҳар як мавзӯи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат ба диссертатсия пурра муврфиқат мекунад: он дар шакли мухтасар ва дар айни замон бо тафсилоти кофӣ мазмун ва сохтори асосии рисоларо инъикос карда, мубрамии таҳқиқотро асоснок намуда, навгонии мавзуи таҳқиқшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, хулосаҳои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии

донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон                                                Аҳмадзода З.К.

Имзои дотсент З.К.Аҳмадзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсус                                                Ҳамидов Ш.
17.11.2023 с.

Маълумот барои тамос:
Суроға: Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумурии Тоҷикистон
Тел: (+992900221090)
E-mail: zulfiya. did @mail.ru